Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи **«Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат** дар **қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»**, **ки** барои **дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз** рӯйи **ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати** диссертатсия **ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия** ба **ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои калидии муносибатҳои бозорӣ мебошад. Дар ин ҷода мушкилотҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба назар мерасанд, ки ҳалли онҳо аз таҳқиқотҳои муҳими илмӣ вобастагии калон дорад.

Муаллиф мубрамияти мавзӯъро дуруст арзёбӣ карда, чунин тавсиф менамояд: "Қабули қонунҳои соҳаи танзими техникӣ, хизматрасониҳои баҳодиҳии мутобиқат ва назорати савдо, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра натавонистанд ҷиҳатҳои муҳимми таъмини ҳуқуқи харидоронро ба моли (кору хизмати) сифатнок инъикос ва танзим намоянд. То ба охир афзалиятҳои дастгирии давлатӣ, додани имтиёзҳо, ба

таври созиш ва худтанзимкунӣ ҳалли масъалаҳои сифати мол, кору хизмат, самаранок истифода нашудаанд. Дар иртиботи бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ сертификатсияи ихтиёрӣ ва аҳаммияти он пурра дарк карда нашудааст.” (с.4).

Дар атрофи ҳамин масъала баъзе маводҳои илмӣ нашр шудаанд, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хос ва мавқеи илмию эҷодиро ифода кардааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор камбудиҳо ва холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст ва ҷиҳати такмили ақидаҳои илмии марбути мавзӯъ равона карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола айни замон ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Бинобар далелҳои зикршуда мубрамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Парвон Зайналобудин ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад ва ҷолиби диққат мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», кт бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории граждании соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии мантиқию дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои

пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилхо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавкеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқарраротi илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Мол, кор ва хизмат объектҳои шинохтаи ҳуқуқи гражданӣ мебошанд. Онҳо аломатҳои хос доранд, вале речаи ҳуқуқии муомилоти онҳо гуногун аст. Ҳамзамон ин объектҳо бояд тибқи қонунгузорӣ дорои маҷмуи хусусиятҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ, экологӣ, бехатарӣ, тарҳи бадеию конструкторӣ ва ғайра) бошанд. Чунин ҳолат бархурди манфиатҳо намебошад, чунки дар таҳия ва риояи талаботҳои сифатии мол, кор ва хизмат ҳамаи субъектҳои манфиатдори ҳуқуқи гражданӣ иштирок менамоянд. Ислоҳоте, ки дар Тоҷикистон оид ба стандартонӣ, ҷорӣ намудани хизматҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат ва ғайра амалӣ шуда истодааст, аз як ҷиҳат талаботро оид ба истеҳсол ва муомилоти объектҳои ҳуқуқи гражданиро инкишоф медиҳад, аз ҷиҳати дигар бо бартараф намудани монеаҳо дар савдо ва танзими техникӣ, риояи ҳуқуқҳои граждании соҳибкорро таъмин менамояд.

2. Сифат дар фаъолияти иқтисодӣ – ин маҷмуи талаботҳои ҳатмии истеҳсолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ ва ғайра) ва истеъмолии (бехатарӣ, эстетикӣ ва ғайра) объектҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, тибқи хизматрасониҳои баҳодиҳии мутобиқат муқаррар карда мешаванд. Талаботҳои мазкур на танҳо дар СД ё низоми идоракунии хусусии сифат, балки дар шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ низ пешбинӣ карда мешаванд. Дар мавриди охирон, сифат яке аз шартҳои муҳимми шартнома буда, талаботҳо нисбат ба он метавонад аз талаботҳои ҷойдошта баландтар ва

хусусияти инфиродӣ дошта бошад. Бинобар ин, агар СД, стандартҳои соҳавӣ ё шахси ҳуқуқии мушаххас ҳадди камтари талаботҳоро ба сифати объектҳои ҳуқуқи граждании пешбинӣ намоянд, ҳадди баландтари онро тарафҳо метавонанд дар шартнома озодона муқаррар намоянд. Албатта чунин ҳолат аз ташаббуси субъекти ҳуқуқи граждани он вобастагӣ дорад. Дар фаъолияти иқтисодии инкишофнаёфта имконияти шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ пурра амалӣ карда намешаванд.

3. Агар танзими давлатии нархҳои мол, кору хизмат, маблағгузории буҷетӣ ё аз дигар манбаъҳоро тақозо намояд, танзими шартномавии он ба чунин хароҷотҳо ниёз надорад. Дар ин ҳолат муҳим он аст, ки нархи объекти муомилоти гражданӣ асосҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дошта бошад. Агар соҳибкор нархи гузоштаи худро асоснок карда натавонад, он гоҳ эҳтимолияти он ба вуҷуд меояд, ки субъекти мазкур аз ҳуқуқи граждании худ ба нархгузорӣ суиистифода мекунад, аз ҳадди муқаррарнамудаи м. 10 КГ ҶТ мегузарад ва худро бо амали беинсофонаащ дар ҳолати ногувор мегузорад.

4. Татбиқи ҳуқуқ ба сифати мол, кор ва хизмат хоси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Ҳамзамон танзими ҳуқуқии сифати объектҳои зикршуда, бо сабаби аҳаммияти калони иҷтимоӣ доштанашон, бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқи оммавӣ ҳимоя карда мешаванд. Дар ин ҳолат, воситаҳои ҳуқуқи оммавии ҷавобгарии ҳуқуқи маъмурӣ, ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳифзи судӣ ва ғайра маънои татбиқи функсияи ҳимояи ҳуқуқиро дошта, устувории муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро таъмин мекунанд.

5. Маҳдудиятҳои пешбининамудаи шариат оид ба муомилоти баъзе объектҳои ҳуқуқи гражданӣ дар давлатҳои дунявӣ ҳатмӣ намебошанд. Бинобар ин, аз ҷониби шахсони воқеӣ риоя намудани маҳдудиятҳои молии меъёрҳои шариат ё риоя накардани онҳо, аз муносибати озоди онҳо ба дин ва эътиқод вобастагӣ дорад. Давлат ба муайян намудани муносибати

субъектони мазкур ба риоя ё риоя накардани ин маҳдудиятҳои молӣ дахолат намекунад. Бинобар ин, дигар субъектони ҳуқуқи гражданӣ низ наметавонанд риояи ин маҳдудиятҳоро талаб намоянд. Молик ё харидор уҳдадор намебошад, ки оид ба риояи ин маҳдудиятҳо ба шахсони инфиродӣ ё дастаҷамъона маълумот ё ҳисобот диҳад. Дахлнопазирии моликият, озодии шартнома ва номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ принсипҳои муҳимми муомилоти молӣ буда, ҶТ эҳтиром ва риояи онҳоро кафолат медиҳад.

6. Ҳадафҳои асосии мутобиқгардонии сертификатсия ба таҷрибаи пешрафта, бинобар узвияти ҷумҳурӣ ба СУС дар он аст, ки дар бозори хизматрасонии баҳодии мутобиқат рақобати иқтисодӣ ба вуҷуд ояд ва монополияи Агентии «Тоҷикстандарт» аз байн равад. Бинобар ин, сертификатсияи ихтиёрӣ – алтернатива ба сертификатсияи ҳатмӣ мебошад. Чунин ҳолат ҷомеаи соҳибкорон ва истеъмолкунандагонро ҳавасманд менамояд, ки дар танзими сифати мол, кор ва хизмат ва баҳодии мутобиқати онҳо ба санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ фаъол бошанд, монеаҳои техникиро дар савдо аз байн баранд ва соҳиби озмоишгоҳҳои замонавӣ бошанд.

7. Низоми хусусии идоракунии сифат – қисми таркибии низоми умумии худидоракунии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ буда, сохтори ташкилӣ, банақшагирӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва захираҳоеро дар бар мегиранд, ки барои танзими сифати мол, кор ва хизмат, инчунин дигар объектҳои баҳодиҳии мутобиқат зарур мебошанд. Барои таъсис ва рушди ин низом зарур аст, ки дар қоидаҳои сертификатсияи ихтиёрӣ вазъи ҳуқуқии фармоишгар ва мақомоти аккредитатсияшуда оид ба чунин намудисертификатсия, объектҳои чунин баҳодиҳии мутобиқат ба санадҳои меъёрии техникӣ, усулҳои санҷиши онҳо, аломати чунин сертификатсия ва меъёрҳои ҳуҷҷатдории онҳо муқаррар карда шаванд. Оид ба ин қоидаҳо бояд ҳамаи субъектони ҳуқуқи гражданӣ иттилооти зарурӣ дошта бошанд.

8. Ҳуқуқ ба сифат заминаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад. Бо инкишофи эҳтиёҷотҳои моддӣ ва маънавии субъектони ҳуқуқи гражданӣ талабот ба он меафзояд. Чунин тамоил объективӣ буда, ҳалли мушкилоти он барои рушди иқтисодии иштирокчиёни касбии бозори молӣ мусоидат мекунад. Самаранокии танзими ҳуқуқи гражданӣ на дар теъдоди зиёди меъёрҳои ҳуқуқии инноватсионӣ, балки дар риояи онҳо ва беҳдошти сифати зиндагии инсон ифода меёбад.

9. Барои таъмини сифати мол, кор ва хизмат дар амалияи ҳуқуқӣ зарур аст, ки боз ҳам ҳавасмандгардонии ҳуқуқиро ҳамчун чораи муҳимми беҳдошти инсон бештар истифода гардад ва дар натиҷа ба комёбӣ ноил шудан мумкин аст. Таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои Ғарб ва СУС нишон медиҳад, ки маҳз воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди хизматрасониҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат ва таъмини ҳуқуқи гражданӣ дар интихоби озоди онҳо, ба некуаҳволии инсон мусоидат карда метавонад.

10. Тарзҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати мафҳуми воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ маънои якхела надорад. Механизми алоҳидаи танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кор ва хизмат аз давраҳои гуфтушунидҳо, машварат, муҳокимаи нақшаҳои тиҷоратӣ, асоснокунии техникӣ ва иқтисодӣ, истеҳсол ва фурӯш оғоз гардида, давраҳои таҷдидисифат ва пешбурди корҳои илмӣ, конструкторӣ ва технологиро дар бар мегирад. Дар баробари ҷиҳатҳои техникӣ ва технологӣ, ҷиҳатҳои иҷтимоӣ, ба монанди такмили ихтисоси кормандон, коромӯзӣ, гузаронидани озмунҳои «Бренди беҳтарини сол» ва муқаррар намудани имтиёзҳо барои кормандони соҳибкасб ва сермаҳсул нақши муҳим дорад.

11. Сифат ҳамчун яке аз шартҳои шартнома ду ҷиҳат дорад: хусусӣ ва оммавӣ. Дар мавриди якум эҳтиёҷоти харидор қонеъ гардонида мешавад. Оммавӣ будани ин шарт дар иҷтимоигардонии масъалаи ҳуқуқи гражданӣ

инъикос мегардад. Субъектони манфиати умум бояд иштирокчиёни касбии бозорро ҳавасманд гардонанд, агар онҳо дар таносуби манфиати худ ва омма тавозуни одилона муқаррар намоянд. Соҳибкасб, бовиҷдон ва иштирокдори савдои боинсофона бошанд, инчунин ба нигилизми ҳуқуқӣ роҳ надиҳанд.

12. Дониши муосири самаранокӣ ҳамчун падидаи баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва аудит, риоя ва иҷрои меъёрҳои диниро, масалан дар соҳаи сифати мол, кор ва хизмат кори шахсии ҳар як фурӯшанда ё дигар иштирокчии бозори молӣ меҳисобад ва ин шахсон дар назди давлат оид ба ин кор ё самаранокии он ҳисоботдиҳанда намебошанд. ҶТ низ ба ин кор дахолат намекунад, агар шахси эътиқоди динӣ дошта аз озодиҳои худ суиистифода накунад. Самаранокии ҳуқуқи позитивии ҶТ дар фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ инъикос гардида, мувофиқи тартиби баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва аудит муайян карда мешаванд. Маҳсули фаъолияти ин мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар устувории ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ифода ёфтааст ва иштирокчиёни муносибатҳои мазкур аз ҳуқуқҳои граждании худ истифода намуда, ақидаҳои худро озодона баён мекунанд ва дигарон ин ақидаҳоро ҷонибдорӣ ва ё рад мекунанд.

13. Аз таҳлили ваколатҳои Агентии «Тоҷикстандарт» бармеояд, ки салоҳияти аккредитатсия – расмиёти аз ҷониби мақоми давлатӣ расман эътироф шудани салоҳиятнокии шахсони ҳуқуқӣ дар хизматрасонии аудити сифат ва баҳодиҳии мутобиқат дар шакли сертификати мувофиқат аз Агентии зикршуда гирифта шуд ва ба мақоми миллӣ оид ба аккредитатсия МД «Маркази миллӣ оид ба аккредитатсия» дода шуд. Дар инислоҳот яке аз принсипҳои умумиэътирофшудаи баҳодиҳии мутобиқат оид ба номумкин будани муттаҳидкунии ваколатҳои аккредитатсия ва сертификатсия дар як мақомот риоя карда шуд.

14. Ҳамзамон риояи ҳатмии принсипи дигар оид ба номумкин будани муттаҳидкунии функсияҳои назорати давлатӣ ва сертификатсия дар як мақомоти давлатӣ то ҳол ҳалли худро пайдо накардааст. Агентии «Тоҷикстандарт» мувофиқи банди 1-и Низомномааш, мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати давлатиро дар соҳаи стандартонӣ, метрология, сертификатсия, таъмин намудани назорати давлатӣ оид ба ҷорӣ ва риоя намудани талаботи стандартҳо ва дастурҳои техникии сифати ашёи хом, маҳсулот, таъмини ченаки ягона ва қоидаи савдо дар корхонаҳо, ташкилотҳо, дар соҳаи савдо, кишоварзӣ ва дигар ташкилотҳои ҶТ, новобаста аз шакли ташкилӣ–ҳуқуқӣ ва шакли моликият, амалӣ менамояд. Вале тибқи банди 5–и Низомномааш, ин ташкилоти манфиати омма метавонад ба баҳодиҳии мутобиқат дар шакли додани сертификати мутобиқат, додани аломатҳои мувофиқат, додани шаҳодатнома оид ба омодагии корхона ба истеҳсоли маҳсулоти дахлдор ва дигар хизматрасониҳои музднок машғул шавад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор **тавсияҳои амалӣ** пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро манзур намудааст:

15. Номи параграфи (зербоби) 4 боби 29 КГ ҶТ ва мазмуни он чунин таҷдиди назар карда шавад: «§4. Хариди давлатии мол. Моддаи 562. Асосҳои хариди давлатии мол

1. Хариди давлатии мол дар асоси шартномаи байни ташкилоти харидор ва фурӯшанда баъд аз анҷомёбии ҳамаи чораёнҳои хариди давлатӣ басташуда, амалӣ карда мешавад.

2. Ба сифати мол дар ин шартнома объекти ҳуқуқи граждании бароманд менамояд, ки бо сифатҳои худ метавонад талаботи ташкилоти харидорро бо ашёи муайян дар соҳаи манфиати умум қонеъ гардонад.

3. Маблағгузории хариди давлатии мол пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ба амал меояд.

4. Нисбат ба хариди давлатии мол, агар дар қонунгузорӣ қоидаҳои дигаре пешбинӣ нашуда бошанд, қоидаҳо дар мавриди маҳсулотсупорӣ, пудрат ва хизматрасонии Кодекси мазкур татбиқ мегарданд».

16. Пешниҳод карда мешавад, ки ба сифати фармоишгари давлатӣ танҳо ташкилоти бахши давлатӣ эътироф карда шавад, ки гирандаи маблағҳои буҷетӣ ё махсус мебошад ва шартномаи хариди давлатиро мустақилона мебандад.

Дар ин замина м. 780-785 зербоби 5 боби 36 КГ ҶТ ба ин пешниҳод мутобиқ карда шавад.

17. Шахсе, ки ба ӯ зарар расидааст, пеш аз ҳама шахси воқеӣ дар ҳолати расонидани зарар ба саломатӣ, дар ҳолати камқувватӣ қарор дорад ва дар ин замина зарур мешуморем, ки дар м. 1111 КГ ҶТ ин нуқта ҳамчун қ. 2 илова гардад: «Дар ҳолати зарар расонидан ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шаҳрванд вазнинии исботкунии набудани камбудӣ ба зимаи фурӯшанда, иҷрокунанда ё вакилони онҳо гузошта мешавад».

18. Моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» дар таҳрири зерин қабул карда шавад:

«1. Сертификатсияи ҳатмӣ нисбат ба объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба Номгӯйи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд ва тибқи санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ нисбати дигар объектҳои баҳодиҳии мутобиқат иҷро карда мешавад.

2. Ба муомилоти гражданӣ баровардани объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд, бе ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқат манъ аст.

3. Сертификатсияи ҳатмиро мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия иҷро менамояд.

4. Сертификатсияи ҳатмӣ дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунанда (фармоишгар) иҷро карда мешавад.

5. Тарҳҳои сертификатсия, ки ҳангоми сертификатсияи ҳатмии объектҳои муайяни баҳодиҳии мутобиқат истифода мегарданд, мувофиқи дастурҳои техникӣ муқаррар карда мешаванд. Ҳангоми набудани онҳо, мувофиқи санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ танзим карда мешаванд.

6. Агар бо тарҳи сертификатсия зарурати гузаронидани санҷиши моли (кору хизмати) муайян муқаррар гардида бошад, он гоҳ онро озмоишгоҳи (маркази) санҷиши аккредитатсияшуда дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунанда мегузаронад».

19. Қисми 1 м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»–ро бо мазмуни зерин таҷдиди назар намоем: «Агар муҳлати бартараф намудани камбудии мол дар шакли хаттӣ бо созиши тарафҳо муайян нашуда бошад, ин камбудиҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшандаи ваколатдорнамудаи ташкилот ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, импортер) фавран бартараф карда шавад, аммо дар ҳама ҳолат мухлати ниҳоии бартараф намудани нуқсонҳои мол аз рӯзи бартараф намудани онро талаб намудани истеъмолкунанда зиёда аз понздаҳ рӯз дарозтар буда наметавонад».

20. Дар банди 4 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи ҶТ дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30–юми июни соли 2021, таҳти №263 тасдиқ шудааст, омода ва ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ» пешбинӣ шудааст. Аз иҷрокунандагони ин банди нақшаи тасдиқшуда хоҳиш карда мешавад, ки ба сифати фармоишгари давлатӣ

бевосита ҳамон ташкилоти илмӣ-таҳқиқотӣ эътироф карда шавад, ки гирандаи маблағҳои буҷетӣ ё махсус мебошад ва шартномаи хариди давлатиро мустақилона мебандад".

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон муқарраroти илмии №3, №4 ва №8 ба назри мо баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ** ва **муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти** илмӣ, **амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо** нишон **додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ

қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили конунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи гражданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иктисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани сифати мол, кор ва хизматрасонӣ равона шуда, мавкеи оно дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллиф 49 асари илмӣ ва таълимӣ офаридааст (2 монография, 5 китоби дарсӣ, 1 васоити таълимӣ ва 2 тафсири илмию амалии қонунҳои соҳавӣ, 27 мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои такризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ , ҳаҷми умумии асарҳо зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошанд).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:
Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии навоварӣ (инноватсия) дар фаъолияти соҳибкорӣ» – маърӯза бо забони русӣ дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии навоварӣ ва сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ҳамчун омили рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2014);– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии навоварӣ (инноватсия) дар фаъолияти соҳибкорӣ» – маърӯза бо забони русӣ дар мавзуи «Оид ба масъалаи хосиятҳои мол, кор ва хизматрасонӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои сифати объектҳои

танзими ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2014); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Рамон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» – маърӯза бо забони русӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизматрасонӣ» (ш. Душанбе, 2016); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳуми ҳуқуқии категорияи сифати мол, кор ва хизмат» (ш. Душанбе: ДМТ, 18-уми майи соли 2018); Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ», бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Низомномаи техникӣ ва стандартҳо ҳамчун тарзҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат» (ш. Душанбе: ДМТ, 2019); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалия» бахшида ба 50-солагии дотс. кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Бобокалонов Ғ.М. – маърӯза бо забони русӣ дар мавзуи «Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ғайришартномавии давлат барои зараре, ки ба соҳибкорон расонида шудааст» (ш. Душанбе: ДМТ, 2014); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза бо забони русӣ дар мавзуи «Оид ба масъалаи татбиқ ва истифодаи регламентҳо ва стандартҳои техникӣ ҳамчун роҳи таъмини сифати мол, кор ва хизматрасонӣ» (ш. Душанбе: ДМТ, 22-юми октябри соли 2015); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон – маърӯза дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории соҳибкорӣ» (ш. Душанбе, 2016); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ», бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – маърӯза дар мавзуи «Мушкилоти татбиқи ҳуқуқи истеъмол-кунандагон ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ» (ш. Душанбе, 2017) ва ғайра.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯихати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 4 боб, 13 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 348 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Боби якум** - ҳаҷман хеле фаррох буда, зери номи « **Масъалаҳои назариявии сифати мол, кор ва хизмат»**, аз чор зербоб таркиб ёфтааст ва ба баррасии чунин масъалаҳо бахшида шудааст: мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои ҳуқуқи гражданӣ; сифати мол, кор ва хизмат: фаҳмиши назариявӣ ва амалӣ; бехатарии мол, кор ва хизмат ҳамчун унсури сифат; кафолати сифати мол, кор ва хизмат.

Муаллиф дар ин боб мол, кор ва химатрасониро аз лиҳози назарияи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ таҳлил намуда, ба сифтанокии онҳо аҳамияти бештар додааст.

Ҳамзамон кафолат ба сифати молро аз лиҳози қонун ва шартнома баҳогузорӣ намудааст.

Дар боби дуюм - **«Воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат»**, масъалаҳои зерин баррасӣ шудаанд: низоми тарзҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат; танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат; тарзҳои шартномавии таъмини сифати мол, кор ва хизмат; тарзҳои дигари танзими сифати мол, кор ва хизмат.

Дар ин боб муаллиф зикр мекунад, ки дар ҷумҳурӣ 11 дастури техникӣ барои маҳсулоти озуқаворӣ қабул карда шудааст (с. 125). Аммо мутаассифона муаллиф ба онҳо қисман аҳамият додааст.

Боби сеюми диссертатсия, ки **«Воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат»** ном дорад, аз 2 зербоб таркиб ёфтааст: моҳияти воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат: воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат.

Ба андешаи муаллиф мафҳуми «воситаҳои ҳуқуқии таъминкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои субъективии шахс» дар баробари мафҳумҳои «воситаҳои ҳуқуқӣ», «воситаҳои ҳифз ва муҳофизат» ва ғайра, ҳастии мустақили ҳуқуқӣ доранд. Чунки ифодакунандаи расмиёти татбиқшавнада ва маҷмуи онҳо ҳангоми баррасии ин ҳуқуқҳо, аз нуқтаи назари таъиноти функсионалии онҳо, имконияти татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи шахс мебошанд” (с. 200-201).

Ҳамзамон муаллиф низоми сохтории воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизматро дар бозори истеъмолӣ чунин тасниф кардааст: 1) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати доираи номуайяни истеъмолкунандагон (зернизоми якум); 2) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати доираи мушаххаси истеъмолкунандагон (зернизоми дуюм) (с. 205).

Дар боби чоруми рисола “Накши чавобгарӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат” масъалаҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат ба воситаи чораҳои ҳимоя ва чавобгарӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши моли (кор ва хизмати) сифати номатлуб, чавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифати мол, кор ва хизмат таҳлил гардиданд.

Дар натичаи тадкиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натичаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниходу тавсияҳои муаллиф, ки дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автореферат тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Эродҳо ба диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

№1. Муаллиф дар навгонии №3 чунин баён менамояд: “Агар соҳибкор нархи гузоштаи худро асоснок карда натавонад, он гоҳ эҳтимолияти он ба вуҷуд меояд, ки субъекти мазкур аз ҳуқуқи гражданин худ ба нархгузорӣ суиистифода мекунад, аз ҳадди муқаррарнамудаи м. 10 КГ ҶТ мегузарад ва худро бо амали беинсофонааш дар ҳолати ноғувор мегузорад”.

Ақидаи мазкур ба назари мо каме баҳснок аст. Албатта ҳар соҳибкор арзиши моли худро ҳисоб мекунад ва баъдан нарх мегузорад . Баъзе ҷузъиётҳои арзиши мол ҳатто ба иттилооти махфии соҳибкор дохил шуданаш мумкин аст. Роҷеъ ба ақидаи рисоланавис савол ба миён меояд, ки оё соҳибкор ухдадор аст, ки нархи моляшро назди муштариён асоснок намояд?

№2. Дар навгонии № 4 иборахои хуқуқӣ бо таври лозима ифода нашудаанд, масалан ба ҷойи "ҷавобгарии ҷиноятӣ" "ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ", ба ҷойи "ҷавобгарии маъмурӣ" "ҷавобгарии ҳуқуқи маъмурӣ".

№3. Муаллиф дар навгонии №8 ишора ба "ҳуқук ба сифат" намудааст. Ин масъала ниҳоят ҷолиби диққат ва дастгирӣ мебошад. Мутаассифона муаллиф мафҳум ва ҳусусиятҳои онро накушодааст. Дар матни рисола доир ба ин масъала бо таври умумӣ зикр гардидааст, аммо ба мафҳуми илмии он аҳамияти дода нашудааст.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Мирзозода Парвон Зайналобудин** дар **мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»,** ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Мирзозода Парвон Зайналобудин** сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси мукаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел.: 917448535
Почтаи электронӣ: m.umrillo@gmail.com

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон С.С. Пирзода

13-феврали 2023с.